«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, д.и.х., профессор
Насриддинзода Э.С.
«25» 01 2024 с.

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли НТҶ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Аз соли 2011 то соли 2015 ба ҳайси ассистент дар кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз сентябри соли 2015 то инҷониб дар кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) ба ҳайси муаллими калон фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар ҷаласаи Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли соли 2013, суратҷаласаи №6 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Кошонова М.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5 (аъло), аз 28.03.2015, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), аз 28.03.2018 ва имтиҳони номзадӣ (минимум)-ро аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), аз 04.01.2024 супоридааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқ ва омӯзиши густариши босуръати равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити имрӯза зарурати арзёбӣ намудани иқтидори сармоягузориро дар рушди минтақаҳо ба миён овардааст. Масъалаи мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус пайдо карда, пайваста мавриди омӯзиши олимони ватанӣ қарор гирифта, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро нишон медиҳад. Дар баробари вусъат пайдо кардани фаъолияти сармоягузорӣ дар

иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёре аз минтақаҳои он то ҳол аз ҷиҳати молиявӣ ноустувор буда, боиси коҳиш ёфтани амалиётҳои инноватсионӣ ва рақобатпазирӣ мегарданд. Дар робита ба ҳамин, дар шароити имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, бинобар сабаби гаронии андоз ва мувофиқан ба амал омадани майли камшавии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобатпазирӣ боис гардида, дар ниҳояти кор сабаби заиф гардидани фаъолнокии такмили иқтидори сармоягузорӣ шудааст. Баробари ин, дар мавриди ба эътибор гирифтани сатҳи муқоисашавандагии иқтидори сармоягузорӣ имконияти ҷолибияти фазои сармоягузориро дар кишвар ва минтақаҳои он маҳдуд мегардонад. Дар робита ба ҳамин, зарурати омӯзиш ва таҳқиқи дарёфти роҳҳои такмили иқтидори сармоягузорӣ ба миён меояд.

Омӯзиши ҷанбаҳои методии такмили иқтидори сармоягузории минтақа бо мақсади рушду тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин замина муайян намудани роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақа афзуда, масъалаи таҳлил ва баррасии таъсири омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақаро хеле муҳим гардонидааст.

Самтҳои стратегии рушд, ҷалби сармоя ва роҳҳои такмили иқтидори сармоягузориро барои баланд бардоштани нақши салоҳияти иқтисодии минтақаҳо ва афзуннамоии имкониятҳои сармоягузорӣ фароҳам меорад. Бинобар ин, таҳқиқи минбаъда ва коркарди тадбирҳои дарёфти тарзу усулҳои нави афзун гардонидани иқтидори сармоягузорӣ, тахия ва асоснок намудани онҳо барои таъмини рушди минтақа хеле зарур мебошад. Бо дарназардошти норасоии омӯзиши равандҳои зикргардида таҳқиқи таъсири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он бобати ташаккул ва асосноконамоии таъмини самараноки сиёсати сармоягузорӣ муҳим ва мубрам ба шумор меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз рушди назарияи сармоя ва иқтидори сармоягузорӣ дар доираи иқтисоди саноатӣ-аграрӣ иборат буда, дар муқаррароту натиҷаҳои зерини таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода ёфтааст:

- дар асоси заминаи омӯзиши асосҳои назариявии иқтидори сармоягузорӣ таърифи муаллифии иқтидори сармоягузории минтақа коркард карда шуд. Муайян карда шуд, ки тақвияти усулҳои сафарбарнамоии иқтидори сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун омили боигарии миллӣ ва афзудани рақобатпазирии минтақа баромад мекунад;

- дар натиҷаи таҳқиқи иқтидори сармоягузории минтақа, омилҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ аз рӯйи аломатҳо ва гурӯҳбандӣ муайян карда шуд. Иқтидори сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа аз мавҷудияти иқтидори сармоягузории кишвар, минтақаҳо ва субъектони хоҷагидории онҳо вобаста мебошад. Муайян карда шуд, ки тақвият додани омӯзиши имкониятҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва молиявӣ аз истифодаи иқтидори табиии минтақаҳо бармеояд. Ҳамзамон, бо мақсади татбиқи тавсияҳои илмии масоили роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақа аз мавқеи гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрӣ, модели ҳисобии он коркард ва пешниҳод карда шуд;

- бо мақсади муайян намудани вазъи иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлили муқоисавии онҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ арзёбӣ карда шуд. Асоснок карда шуд, ки вусъат пайдо кардани соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва хизматрасонӣ вазъи иқтидорҳои сармоягузорӣ аз ташаккули бозори самараноки сармоя ва сохтани механизмҳои истифодаи самараноки захираҳо вобаста аст. Ташкили дахлдори маблағҳои пулӣ ва табдили пасандозҳоро ҳамчун шарти такмилёбии иқтидори сармоягузорӣ ва имкони истифодабарии захираҳои сармоягузорӣ ба эътибор гирифтан лозим аст. Тавассути таъсис ва фаъолсозии бозори фондӣ ҳамчун омили ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа шароит фароҳам омада, интихоби инфрасохтори бозори фондӣ бо ҷалби тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ дар ноҳияҳои НТҶ барои ташаккулёбӣ ва истифодаи сармоягузорӣ мусоидат мекунад;

- хусусиятҳо ва омилҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа аниқ карда шуда, алгоритми арзёбии иқтидори сармоягузорӣ аз рӯйи марҳила таҳия ва пешниҳод карда шуд. Алгоритми мазкур дар асоси шарҳи самтҳои нисбатан муфиди фаъолияти субъектони хоҷагидор барои сармоягузории нисбатан ҷолиб равона мегардад. Дар робита ба ин, баҳодиҳии иқтидори сармоягузории минтақа ва усулҳои баҳодиҳӣ дар доираи муносибати комплексӣ аз рӯйи сатҳи умумии иқтидори сармоягузорӣ, иқтидори табиӣ-ҷуғрофӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, инноватсионӣ, зерсохторӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод карда шуд;

- собит карда шуд, ки такмили иқтидори сармоягузории минтақавӣ ва механизми молиявии идоракунии он аз омӯзиши алоқамандии нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ вобаста аст. Бинобар ин, масъалаи дарёфти роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтидори сармоягузории НТҶ дар шароити иқтисоди бозорӣ аз механизми идоракунии иқтидори сармоягузории минтақа бармеояд. Арзёбии

чараёнҳои сармоягузории кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла НТҶ ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунӣ махсуб ёфта, татбиқи он барои пешрафти иқтисоди минтақа бо рушди ҳунарҳои мардумӣ, туризм ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муфид баромад мекунад. Муайян карда шуд, ки низоми идоракунии таъмини самаранокии бахши аграрӣ ва саноатӣ, заминаи асосӣ барои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ мебошад. Бинобар ин, барои такмили ташаккули иқтидори сармоягузории минтақа як қатор тадбирҳо коркард ва пешниҳод карда шуд;

- бо мақсади муайян кардани ҳаҷм ва таркиби иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ моделҳои эконометрикии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ коркард ва пешниҳод карда шуд. Собит карда шуд, ки фаъолияти сармоягузории НТҶ нисбат ба сатҳи миёнаи фаъолияти сармоягузории кишвар қонеъкунанда нест. Бинобар ин, дар шароити шиддатнокии ташаккули захираҳои молиявӣ муайян кардану истифодаи имконоти худи минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон, барои муайян кардани ҳиссаи манбаъҳои сармоягузориҳо ба маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои ҷумҳурӣ, моделҳои ҳисобии регрессионӣ таҳия карда шуда, дурнамои онҳо ҳисоб карда шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосҳои назариявӣ ва методии истифодабарии иқтидори сармоягузорӣ ва таърифи мазмуни иқтисодию молиявии иқтидори сармоягузории минтақа коркард ва пешниҳод карда шуд;
- барои беҳтар кардани ҳаҷм ва таркиби иқтидори сармоягузории минтақа омилҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ аз рӯйи аломатҳо ва гурӯҳбандии онҳо муайян ва коркард карда шуд;
- бо истифода аз усулҳои баҳодиҳӣ вазъи иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил ва хулосабарорӣ карда шуд;
- бо мақсади ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа ва тақвияти он дар таъмини рушди иқтисодӣ алгоритми арзёбии иқтидори сармоягузорӣ аз рӯйи марҳила таҳия ва пешниҳод карда шуд;
- самтҳои нави такмили иқтидори сармоягузории НТҶ ва муқоисаи он бо минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрӣ пешниҳод карда шуд;
- бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ ва ҷамъбасти равишҳои илмӣ роҳҳои такмили иқтидори сармоягузорӣ моделҳои регрессионӣ таҳия карда шуд. Инчунин, бо мақсади муайян кардани таркиби сармоягузориҳо ва таъсири онҳо ба рушди маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ,

маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои ҷумҳурӣ моделҳои ҳисобии регрессионӣ таҳия карда шуда, дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур ҳисоб карда шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф ва хусусиятҳои ифшогаштаи рушду амалкарди иқтидори сармоягузорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрӣ заминаи назариявӣ ва методологии коркарди роҳҳои такмил додани иқтидори сармоягузории НТҶ-ро метавонанд густаришу такмил диҳанд. Тавсияҳои амалӣ, усулҳои дар диссертатсия дарҷшударо ҳангоми таҳлил ва қабули қарорҳои идории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва рушди иқтисод дар ҷараёни баҳисобгирии иқтидори сармоягузорӣ ва танзими равандҳои сармоягузории минтақа истифода кардан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми пешбурди таҳқиқоти илмӣ оид ба афзоиши самаранокии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа истифода шаванд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ дар солҳои 2014-2024 маъруза шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошанд: 2.14. Маблағгузории раванди сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.28. Методология ва ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини худмаблағгузории маҳаллӣ; 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, проблемаҳои муносибкунонии сохтори сармоя; 3.25. Молияи равандҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Дар

асоси омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақавӣ механизми роҳҳои такмили онҳо тавассути таҳияи механизми идоракунии молиявӣ ва истифодаи модели регрессионӣ пешниҳод гардонида шудааст. Ғайр аз он, ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин мавод, таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ саҳми довталаб аст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода дар ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию донишгоҳӣ (солҳои 2014-2024) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз фанҳои “Сармоягузорӣ”, “Баҳои иқтисодии сармоягузорӣ”, “Сармоягузории хориҷӣ”, “Молияи минтақавӣ” метавонанд истифода бурда шаванд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 15 мақола (бо ҳуқуқи муаллифӣ) нашр шудааст. Аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М]**. Зубайдов, Ҷ.И. Шароит ва хусусиятҳои таъсисёбии иқтидори сармоягузории ноҳиявӣ [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе. - 2018. - №4 (63). - С. 148-154. ISSN 2075 – 9584.

**[2-М]**. Зубайдов, Ҷ.И. Таъмини методию ахборотии иқтидори молиявии рушди инсонӣ дар ноҳияҳо [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2018. - №9. - С. 128-131. ISSN 2413 – 5151.

**[3-М]**. Зубайдов, Ҷ.И. Рушди босуботи ноҳияи Файзобод ва омилҳои ташаккулёбии он [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2019. - №1. - С. 102-106. ISSN 2413 – 5151.

[**4-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Зарурати таҳлили оморию эконометрикии ташаккули иқтидори сармоягузории минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов, С. Маъдиев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2020. - №1 (21) - С. 54-61. ISSN 2663 – 0389.

[**5-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Модели регрессионии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ ва роҳҳои такмили он дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ [Матн] /М.Р. Кошонова, Ҷ.И. Зубайдов// Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №4/2 (39) - С. 18-27. ISSN 2663 – 0389.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[**6-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Таъсири фазои сармоягузорӣ ба ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ҶТ: тамоюл ва муаммоҳо», (Душанбе, 15-16-уми майи соли 2014). - ДСХ. – 2014. - С. 224-230.

[**7-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Нақши сармоягузориҳо ва грантҳои беруна ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мукаммалёбии механизмҳои молиявию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири иқтисодӣ бахшида ба 70-солагии профессори кафедраи молияи факултети молиявию иқтисодӣ Раҳимов Зикрулло Ашурович», (Душанбе, 15-уми феврали соли 2014). – ДМТ.- 2014. - С. 118-122.

[**8-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Нақши бозори молиявӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои инкишофи туризми байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 15-уми ноябри соли 2015). – ДМТ. - 2016. - С. 63-66.

[**9-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Проблемаҳои қурби асъор ва қобилияти харидории пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ҷ.И. Зубайдов// Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Ҳолати низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бухрони молиявӣ" (Душанбе, 28-уми октябри соли 2017). - ДМИТ. - 2017. - С. 20-22.

[**10-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Зарурат ва аҳамияти таъсис додани корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Муаммоҳои молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир”, (Душанбе, 7-уми декабри соли 2017). - ДМИТ. – 2017. - С. 211-213.

[**11-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Соҳибкории муштарак ҳамчун шакли махсуси ҷалбкунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маҷмуи маколаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни ДМИТ бахшида ба Соли ҷавонон ва 20-умин солгарди Вахдати миллӣ, (Душанбе, 21-22-юми апрели соли 2017). - ДМИТ. – 2017. - С. 89-92.

[**12-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Сохтори соҳавии ҷалби маблағгузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Тоҷикистон ва бозори ҷаҳонии қоғазҳои қиматнок: замина ва имкониятҳои иштирок”, (Душанбе, 24-уми феврали соли 2018). - С. 61-66.

[**13-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Зарурати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ҷ.И. Зубайдов //Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ”, (Душанбе, соли 2018). - ДДМИТ. – 2018. - С. 82-86.

[**14-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ [Матн] / М.Р. Кошонова, Ҷ.И. Зубайдов// Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ” бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, 7-уми декабри соли 2023). ДДМИТ. - С. 384-389.

[**15-М**]. Зубайдов, Ҷ.И. Иқтидори сармоягузории минтақа ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов, Н.И. Сафаров // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ” бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, 7-уми декабри соли 2023). - ДДМИТ. - С. 73-80.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ба муқаррароти чунин барномаҳои давлатӣ: Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (солҳои 2021-2025, 2016-2020, 2012-2014, 2010-2012 ва дигар солҳои қаблӣ), Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020,

Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 такя менамояд.

**Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ДДМИТ аз 15.12. 2023 с., №23 ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2024 с., № 4-2а/70 мавҷуд аст.

**Ҳангоми муҳокима дар ҷаласа қарори зерин қабул карда шуд:**

1. Баромади Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли НТҶ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризҳои муқарризони расмӣ Улуғхоҷаева Х.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Давлатшоев О.Ҳ.- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад;
2. Диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли НТҶ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба Талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267” тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
3. Диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли НТҶ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 24 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 18 нафар: 1 нафар доктори илм, 14 нафар номзади илм, 1 нафар муаллими калон, 2 нафар ассистент. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод чунин аст: тарафдор - 18 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд.

Қарор дар ҷаласаи якҷояи ғайринавбатии кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, протоколи № 07/1 аз «20» январи соли 2024 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
молия ва суғуртаи ДМТ — Ҳусайнов М.Н.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
фаъолияти гумрукии ДМТ — Икромӣ Ф.Н.

**Тасдиқ мекунам**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.